# ГЕНДЕР ва ОБ



**2** ГЕНДЕР, ОБ, САНИТАРИЯ ВА САЛОМАТИ



Мо дар Алянс оид ба гендер ва об (АГО) хеле хурсандем, ки алҳол Шумо ин буклетро дар даст доред. Бо ёрии он мо ба Шумо дар бораи масъалаҳои муҳиму рӯзмара нақл мекунем.

Дар навбати аввал мо ба Шумоён гуфтанӣ ҳастем, ки сӯҳбат бо қироати ин буклет оғоз меёбад. Дар ҳақиқати ҳол бошад, мо умедворем, ки Шумо худатон ба наздикону шиносҳоятон дар мактаб ва кор дар бораи он чи, ки дар буклет хондед, нақл мекунед. Шумо ҳатто метавонед ба онҳо маслиҳат диҳед, ки ин буклетро хонанд.

Агар Шумо омӯзгор бошед, метавонед ин буклетро ба забони модариатон тарҷумаю чоп кунед. Шумо ҳамчунин метавонед расмҳои онро бематн барои ташкил кардани муҳокима ва мубодилаи афкор байни талабагон истифода баред. Расмҳои чаҳор буклетро шумо метавонед аз сомонаи интернетии мо www: gender.water.org гиред. Хоҳишмандем, арзи сипосро ба муаллиф ва АГО аз хотир набароред. Дар хотима мехостем ба диққати Шумо расонем, ки агар Шумо дар бораи проблемаҳои гендер марбутан ба идоракунии захираҳои об иттилооти муфассал гирифтанӣ бошед, АГО дар ихтиёри Шумост.

Шумо эътимод ҳосил мекунед, ки мо дар идора кардани ҳавзаҳо, дарёҳо ва кӯлҳо, ки аз шаҳри Шумо ё аз канори шаҳри Шумо мегузаранд, ва бо ин роҳ барои ба ҳама дастрас шудани об кори зиёдеро ба сомон расонида метавонем. Акнун навбат ба Шумо. Бароятон қироати гуворо орзу мекунем.

# ОБ ҲАЁТ АСТ!



# Вале, вақте ки об кам бошад

Кӣ бештар аз ҳама азият мекашад?
Кӣ аз қадимулайём барои хонавода об ба даст меорад?





Барои оила, полез ва
чорвои хонагӣ кӣ об меорад?

Дар аксари ҳолатҳо занон!



Ҳар як зан арзиши обро медонад

Ҳамчунин ӯ медонад, ки...

ОБ БОИСИ БЕМОРИҲО ШУДА МЕТАВОНАД!



Манбаи диарея, ки кӯдакон ба он гирифтор мешаванд ва аз ин беморӣ бисёр кӯдакони хурдсол ба ҳалокат мерасанд, оби чиркин аст. Вақте ки одамон оби бо ифлосиҳо ва партови одамон олударо менӯшанд ва оббозӣ мекунанд, ба беморӣ гирифтор мешаванд.



Зардпарвин. вабо, лептоспироз низ ҳамин

тавр сироят мекунанд.

Бемориҳои паразитӣ низ ҳамин хел мегузаранд



# Вазъи саломатӣ ҳар касро

Вале беш аз ҳама занон азият мекашанд. Модаронро саломатии фарзандонашон сахт ба изтироб меорад. Маҳз модарон ғайр аз муроҷиат барои ёрии тиббӣ, бояд дар бораи гигиенаю саломатии оила ғамхорӣ кунанд. Гигиенаи бад ва антисанитария аксаран ба занону кӯдакон дар мадди аввал таъсир мерасонанд ва онҳоро аз ҳаёти сазовор маҳрум месозанд. Ҳар гуна беҳтар намудани шароити гигиенӣ, пеш аз ҳама ба манфиати занон аст.



азият медиҳад! (бе шубҳа)



# РОҲИ КОМЁБ ШУДАН БА БЕҲБУДӢ - ИШТИРОК

Ҳама - занон, мардон, ҷавонон ва солхӯрдагон - бояд гирд омада, дар бораи эҳтиёҷоти гуногун ба об, махсусан эҳтиёҷоти хеле зарурӣ, аз қабили оби тозаи нӯшокӣ, коркарди партов ва хориҷ кардани гандаобҳо қарор қабул кунанд. Иштирок кардан дар идоракунии захираҳои об ва амалиёти санитарӣ, яъне фаъол будан дар ҷамъият ва намояндагӣ кардани он дар ҷаласаҳо бо ҳукуматдорон, истифодабарандагони об ва дигар тарафҳои манфиатдор дар истифодаи об ва умури санитарӣ ба ҳисоб меравад.



# ДАР ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ОБ!

Маҳз дар рафти ин ҷаласаҳо роҳҳои ноил гардидан ба мақсади зерин ҳалли худро меёбанд: дастрасӣ ба оби тоза дар ҳамаи ҳавлиҳо. Иштироки занон хеле муҳим аст, зеро маҳз онҳо бо эҳтиёҷоти оилаҳояшон хуб ошно ҳастанд.



Мо бояд ҳамаи шароитҳоро ба вуҷуд орем, то ба онҳое, ки аз оби тоза маҳруманд, оби тозаро ба қадри кофӣ кафолат диҳем.

# ОБ БАРОИ ҲАМА!



Кафолат додани об - кафолат додани ғизо аст. Барои он ки дар тамоми ҷаҳон гуруснагӣ решакан карда шавад, бояд пешбурди хоҷагии натуравиро бо об таъмин кунем ва барои таъмин кардани чорво ва нигоҳ доштани сикли табиӣ ба миқдори зарур об дошта бошем.

Вақте ки дар бораи кишт ва ҷамъоварии ҳосил сухан меронем, махсусан нақши занҳоро таъкид кардан лозим аст. Онҳо низ бояд иштирок кунанд ва якҷоя бо дигарон барои ноил гардидан ба ин мақсад қарор қабул кунанд.



Барои қабул кардани қарори мувофиқ, дар ҷаласаҳо оид ба идоракунии захираҳои об бояд шумораи муайяни занону мардон иштирок кунанд. Ҳамчунин бояд занон шумораи бештари ҷойҳоро дар ҳукумат, комитетҳои ҳавзавӣ ва идораҳои хоҷагии об ишғол кунанд. Дар ҷомеаҳо маъмулан тақсимоти об барои истифодаи умум дар ӯҳдаи занон аст.



Дар хона низ занон бояд тарзи истифодаи крани лӯлаи обро донанд.



# ОБ - ТАРЗИ

Баъди ба қадри кофӣ бо об таъмин шудан занон новобаста аз он ки онҳо модаронанд ё муаллима, азбаски ғамхорӣ ба оила дар дӯшашон мебошад, ҳамчунин нақши муаллимро мебозанд ва ба ҳама қоидаҳои гигиенаро ёд медиҳанд.

Онҳо кадомҳоянд?



# ИСТИФОДАИ ОН!

Танҳо оби ҷўш ва полоишшударо нўшед: дар мавридҳои зерин дасту даҳонатонро шўед ва дандонатонро тоза кунед: пеш аз хўрокпазӣ, нигоҳубини кўдак, пеш аз ва баъд аз нигоҳубини бемор, пеш аз хўрдани хўрок, баъди рафтан ба мабраз

Ҳамеша дастонатонро шўед! Бо ин роҳ бемориро пешгирӣ кардан мумкин аст.



# БАЪДИ ОБРО ИСТИФОДА БУРДАН, ОН БА КУҶО МЕРАВАД?

Гандаобро тоза кардан лозим аст. Аз ҷумла солхӯрдагон мумкин аст роҳҳои тоза кардани оби истифодашударо донанд, то ки он хоку сарчашмаҳоро олуда насозад. Боқимондаҳои агрохимикатҳо набояд аз киштзор ба дарё ё манбаъҳои обҳои зеризаминӣ фароянд. Ин барои табиат зарарнок ва саломатии атрофиён хавфнок аст.



Яке аз роҳҳои серистеъмоли ин кор сохтмони системаи канализатсия аст. Дар ин система гандаобҳо аз қубурҳое, ки аз хонаю биноҳо мебароянд, гузашта, ба муҳити зист дар тамос нашуда, хориҷ мегардад.

Вале бо ин кор ба охир намерасад! Азбаски табиат худ ба худ ҳамаи ифлосиҳоро хориҷ карда наметавонад, гандаобро пеш аз ба муҳити табиӣ баргаштанаш тоза кардан лозим аст. Барои ин кор усулҳои арзону самарабахш мавҷуданд.



Гандаобҳоро чӣ кор кунем?

Ин суол ба идоракунии захираҳои об марбут аст. Бар замми ин дар идоракунии захираҳои об бояд ҳама иштирок кунанд.

Ба туфайли ин комёбиҳо, ки ба ҳама мансуб аст, занон соҳиби эҳтироми бештар гардиданд.



Кафолат додан ба оби тоза дар лӯлаи об барои истифодаи ҳаррӯза ва ташкили системаи тозакунии гандаоб асоси тағйиротҳои умда мебошад.

Насб кардани мабразҳои мувофиқ барои духтарону писарон, занону мардон ба ташаккули фарҳанги санитарӣ ва рафторе, ки ба ҳисси эҳтироми байни одамон гуногунҷинс асос ёфтааст, мусоидат мекунад.

Агар шароити дахлдори санитарӣ муҳайё бошад модарону омӯзгорон метавонанд кӯдакону ҷавононро ба қоидаҳои гигиена одат кунонанд. Бино бар ин иштироки занон хеле муҳим аст.



# КАСЕ, КИ ҒАМИ ХОРИҶ КАРДАНИ

Эҳтиёткорона муносибат кардан бо партов - маънои ғамхорӣ зоҳир кардан дар бораи саломатии одамони дигарро дорад. Вақте ки партовро ба дарё мепартоянд, он обро олуда карда, ҳайвоноту рустаниҳоро мекушад. Вақте ки партовро дар фазои озод мегузоранд, он диққати каломуш ва ҳашароти интиқолкунандаи бемориҳоро ба худ ҷалб мекунад. Вақте ки борон меборад, он партовро ба дарё мебарад. Агар мисли замонҳои гузашта партовро ба замин гӯр кунем, борон боз ҳам метавонад онро шуста барад ва дар ниҳоят партов боиси олудагии манбаъҳои обҳои зеризаминӣ мегардад. Дар натиҷа об олуда ва барои истеъмол ношоям мегардад. Тозакунии он кори серхароҷот буда, ҷидду ҷаҳди зиёдро талаб мекунад. Бино бар ин ҳамаи онҳое, ки ба об эҳтиёҷ доранд, бояд дар бораи тибқи талаботи қоидаҳо хориҷ кардани партов андеша кунанд. Ва ин кори ҳама - занону духтарон, кӯдакон, ҷавонону мӯйсафедон аст.



# ПАРТОВРО МЕХЎРАД,Ў ҒАМИ ОБРО НИЗ МЕХЎРАД!




Бифармоед
ба ин чо...

Об роҳи худро дорад. Дар вақти сохтмони манзил ва шудгори замин мо бояд қоидаҳои табиатро риоя кунем. Мо на бояд дарёро бо партов олуда кунем, набояд дарёро ба маҷрои мушаххас равона карда. ҷараёни табиии обро вайрон кунем. Вақте борон меборад ва об маҷрои табиияшро ёфта наметавонад, он ба ҷое ҷорӣ мешавад, ки мо намехоҳем. Дарёҳо дамида, киштзору шаҳрҳоро зери об мемононанд. Дар ин мавридҳо қашшоқон бештар зарар мебинанд, зеро онҳо ба обхезию ярч тайёр нестанд.

Аз тарафи дигар, оби боронро ҷамъ карда, дар киштзору шаҳрҳо, ҳавлию биноҳои маъмурӣ барои истифодаи бисёр ҳадаф нигоҳ доштан мумкин аст. Иштироки ҳар як кас дар идоракунии захираҳои об барои ошкор сохтани амалҳои нодуруст, пешгирии талафоти моддӣ ва масъалаҳои марбут ба саломатӣ, ки обхезиҳо ба он боис мегарданд, аҳамият дорад.



Дастрасиро ба оби водопровод таъмин кунед, гандаобҳоро тоза кунед; кӯшиш ба харҷ диҳед, ки ҳаҷми партов камтар гардад (он чизҳоро, ки такроран истифода бурдан мумкин аст, нигоҳ доред) ва партовро ба ҷойҳои муқаррааргардида партоянд (партовро ба дарё, роҳ ё ҷангал напартоед); итминонон ҳосил кунед, ки оби боронро бо маҷрои табиияш ҷорӣ мешавад; оби боронро барои дар оянда истифода бурдан нигоҳ доред - ҳамаи ин қисми идоракунии захираҳои об мебошад. Шумо як корро иҷро карда наметавонед,агар дар бораи кори дигар ғамхорӣ зоҳир накунед.

# Ҳамаи ин санитария аст!





# ШУМО ФИКРИ ҲАМАИ ТАРАФҲОРО БА НАЗАР НАГИРИФТА, ШАРОИТИ САНИТАРИРО БЕҲТАР КАРДА НАМЕТАВОНЕД

Занон, мардон, ҷавонон ва солхӯрдагон - ҳар яки онҳо таҷрибаи ҳаётии худро доранд. Ҳар кас медонад, ки масъалаи аз ҳама ҷиддӣ кадом аст. Овози ҳар касе, ки бо ҳисси масъулият иштирок мекунад, бояд шунида шавад.



Бисёр соҳибмансабони давлатӣ аз рӯи усулҳои кӯҳна кор мекунанд. Ба ақидаи онҳо, роҳи ягонаи таъмини шароитҳои санитарӣ корҳои калонҳаҷму гаронқимати ҷамъиятӣ мебошад. Вале алҳол муттаҳид сохтани донишҳои анъанавии одамон ва донишҳои илмии дар донишгоҳҳо андӯхтаро қобили қабул мешуморанд, зеро бо ин роҳ бо харҷи ҳадди ақалл ба даст овардани идоракунии муносибу мувофиқи обу санитария имконпазир аст.



# САНИТАРИЯ БА ОНҲОЕ ДИГАРГУНӢ МЕОРАД, КИ АЗ ҲАМА БЕШТАР БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ҲАЁТАШОН ЭҲТИЁҶ ДОРАНД.

Санитария ин саломатии бештар ва навбатнокии камтар дар беморхонаҳо, махсусан барои занон, кӯдакон, солхӯрдагон мебошад. Ҳисобу китоби мутахассисон нишон медиҳад, ки ҳар як сомонии аз ҷониби ҳукумат ба санитария сарфшуда, дар оянда хароҷоти нигоҳдории тандурустиро чор-панҷ сомонӣ камтар мекунад.



Дар сурати вусъат ёфтани дастрасӣ ба оби тоза ва ташноб (канализатсия) ба дарс ҳозир нашудану ба кор наомадан кам мегардад. Моҳонаи коргарон бошад меафзояд Дигар беҳбудиҳо низ ба вуқӯъ мепайванданд. Лоиҳаҳо оид ба санитария ҳам барои занон ва ҳам барои мардон ҷойҳои корӣ ба вуҷуд меоранд.

Сифати об - сифати ҳаёт аст.
Сифати об - рушди иқтисодиёт аст.



Касоне, ки дар бораи оянда фикр мекунанд, барои сифати ҳаёт мубориза мебаранд. Биёед, барои то соли 2015 панҷоҳ фоиз кам кардани шумораи одамоне ҷидду ҷаҳд мекунем, ки ба воситаҳои санитарию техникӣ дастрасӣ надоранд.



Мақсади мо - мавҷуд будани об дар лӯлаи об ва канализатсия барои ҳама аст.



Нашрияро таҳия карданд:
Матн ва расмҳои
Жиралдо Алвс Пинто ва Мегетерио
(Мигел Мендес Риэс, Марко Антолио де Ж. Ферейро, Фабио Ферейра, Вандерлей Сорэс. Ҳамкории Феррет).

Таҳти таҳрири
Instituto Ipanema- Бразилия
www.institutoipanema.net
Самтгири: Demetrios Christofidis e Ninon Machado
Реализация
**Директори ичроиш** Йоке Милвяйк
jokemuylwijk@chello.nl
secretariat@gwalliance.org
www.genderandwater.org
Альянс по проблемам гендера и воды
Хогестраат 20, 6953AT Диерен, Нидерланды
Почтовый индекс 114, 6950AC Диерен, Нидерланды
+31 313 427230
Авторское право-- Альянс по проблемам гендера и воды - АГВ




**Чор буклет мавҷуд аст:**

1. Гендер ва об. Муаррифии гендер. Ин чист?
2. Гендер ва об. Санитария ва саломатӣ
3. Гендер, об ва ҳодисаҳои иқлимӣ
4. Гендер, об, кишоварзӣ ва озуқаворӣ

GWA GENDER AND WATER ALLIANCE